**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба рисолаи номзадии Исмоилов Фаредун Хӯҷақулович дар мавзуи «Сарчашмаҳои фолклории ҳаёт ва эҷодиёти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ**

Миллати тоҷик аз зумраи он миллатҳои соҳибтамаддуни ҷаҳонист, ки маҳз тавассути фарҳанги ғаниву оламгираш дар тӯли таърих аз ҳар ҷиҳат мавриди таваҷҷуҳ ва пажуҳиш қарор ғирифта буд ва ин таваҷҷуҳу омӯзиш ҳанӯз ҳам пайваста идома дорад. Омӯзиш ва пажуҳиши ҷанбаҳои гуногуни фарҳанги миллӣ раванди доманадор ва давомдор буда, ҳар андешаи дар ин маврид гуфташуда пайроҳае ба сӯи кашфи арзиши он мебошад, зеро масоили зиёде мавҷуданд, ки таҳқиқи ҷузъӣ ва мӯшикофонаро талаб мекунанд.

Муайян намудани муносибат ва таъсирпазирии фолклору адабиёт яке аз ин масъалаҳо ба шумор меравад, ки ҳарчанд дар мавриди он андешаҳои зиёди илмӣ рӯи кор омада бошанд ҳам, вале ин қазия ҳанӯз ногуфтаҳо ва нокушудаҳои зиёде дорад. Аз як тараф, адабиёти шифоҳӣ адибони оламшумулро тарбия намуда, барои адабиёти хаттӣ ё навишторӣ тақдим карда бошад, аз тарафи дигар, адибони соҳибсалиқа бо асарҳои пурмояву ғановатманди хеш ин адабиётро комилтар, пурмазмун ва бой гардондаанд. Ин раванд аз пайдоиши нахустин андешаҳои бадеӣ оғоз ёфта, то ба имрӯз идома дорад. Пас, омӯзиши сабабҳо, заминаҳо, арзишҳо ва пайомадҳои ин раванд аз муҳимтарин масъалаҳои илмҳои фолклоршиносиву адабиётшиносӣ мебошад. Ҷолиб аст, ки солҳои охир раванди мазкур аз омӯзиши муаммоҳои умда ва умумӣ ба пажӯҳиши ҷузъӣ рӯй ниҳодааст ва чунин тарзи таҳқиқ барои мушаххас намудани қонуниятҳои умумии масъалаи зикршуда ҷиддан мусоидат мекунад. Диссертатсияи унвонҷӯи Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ Исмоилов Фаредун Хӯҷақулович дар

мавзуи **«Сарчашмаҳои фолклории ҳаёт ва эҷодиёти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ»** аз намунаҳои боризи таҳлилҳои ҷузъӣ, яъне баррасиву таҳлили таъсири мутақобилаи адабиёти шифоҳӣ ва осори як нафар шоири машҳури адабиёти тоҷик маҳсуб мешавад. Он аз муқаддима, се бобу шонздаҳ фасл, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст.

Мувофиқи талаботи расмӣ нисбат ба рисолаҳои илмӣ, муаллиф дар муқаддима оид ба мубрамӣ, дараҷаи омӯзиш, объект, предмет, ҳадаф, методология, навгонӣ, аҳаммияти назарию амалӣ, пешниҳоди масъалаҳо барои дифоъ, саҳми худ ва натиҷаҳои аз пажуҳиш гирифтаашро баён намудааст.

**Боби аввали** рисола «Рӯзгор ва чеҳраи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар ривоятҳои мардумӣ” ном дошта, ба ҳафт фасл ҷудо гардидаст. Ҳар фасли ин боб мувофиқи мазмуну муҳтавои ривоятҳои дастрас гурӯҳбандӣ гардида, бо тамоми ҷузъиёташон таҳқиқ шудаанд. Фасли аввал ба масъалаи “Ривоятҳои мардумӣ оид ба зодгоҳ ва овони кӯдакии Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ” ихтисос дода шуда, фаслҳои минбаъда таҳлили мавзуъҳое мисли: “Муносибати Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ бо амирони Сомонӣ дар ривоятҳои мардумӣ”, “Симои Рӯдакии шоир ва ҳаким дар ривоятҳои мардумӣ”, “Симои Рӯдакии ошиқ дар ривоятҳои мардумӣ”, “Нобиноии Рӯдакӣ дар ривоятҳои мардумӣ”, “Назари мардум оид ба мазор ва ҷойи дафни Рӯдакӣ”, “Ривоятҳои мардумӣ дар бораи авлоди Рӯдакӣ ва муносибати онҳо ба шахсияти шоир»-ро бо мисолҳои аниқу дақиқ дар бар гирифтаанд. Шарҳу баёни назари шахсии муаллифи рисола доир ба ҳар як ривояти мардумӣ яке аз арзишҳои илмии пажӯҳиш дар ин боб мебошад. Унвонҷӯ ривоятҳои аз байни мардум сабтшударо бо ривоятҳои дар сарчашмаҳо буда дар муқоиса гузошта, хулосаҳои худро баён менамояд, ки чунин тарзи таҳлил ва ифшои назар аз соҳиби андешаҳои таҳлилӣ будани ӯ гувоҳӣ медиҳад. Дар доираи чунин таҳлил ривоятҳои «Деҳаи Рӯдак ва Рӯдакӣ», «Рӯдакӣ аз деҳаи Рӯдак буд», «Рӯдакии ободкор», «Абулҳасани Уфорӣ» ва «Абулҳасани Панҷрӯдӣ» мавриди омӯзиш қарор гирифта, нақли мардум нисбат ба зодгоҳ ва

давраи кӯдакии шоир шарҳ дода шудааст. Ин шарҳ бо муқоисаи ривоятҳои аз ҷониби пажуҳандагон сабтшуда бо ривоятҳои дар сарчашмаҳо мавҷудбуда анҷом мегардад, ки қиммати илмии ин боби рисоларо афзудааст. Раванди таҳлили чунин ривоятҳо дар ин боби рисола ҷолиби таваҷҷуҳ буда, мувофиқи он унвонҷӯ аз сарчашмаҳои ин ё он ривоят ёдовар шуда, назари илмии нисбати онҳо гуфташударо низ зикр кардааст. Ба унвони мисол, зикри ривояти тазкираи «Лубоб-ул-албоб»-и Муҳаммад Авфии Бухороӣ, ки онро баъдан Абдурраҳмони Ҷомӣ низ бо андак дигаргунӣ дар фасли ҳафтуми «Баҳористон»-и худ оварда буд ва ҳамчунин ёдоварӣ аз гуфтаҳои Садриддин Айнӣ ва академик Александр Семёнов дар ин хусус (дисс. с. 24-25) аз усули хоси таҳлилу таҳқиқи муаллиф гувоҳӣ медиҳад.

Дар идомаи кор унвонҷӯ ривояти мардумии «Бӯи ҷӯи Мӯлиён»-ро бо муқоиса аз “Чаҳор мақола”-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ таҳқиқ менамояд. Зимнан ривоятҳои «Рӯдакӣ ва Шоҳ Исмоили Сомонӣ», «Рӯдакӣ-шоири амири Бухоро», «Рӯдакӣ ва Аҳмади Сомонӣ»-ро оварда, назари худро дар бораи онҳо иброз доштааст. Маълум мешавад, ки ҳар кадоме аз ин ривоятҳои мардумӣ ба маҳбубияти Рӯдакӣ дар байни омма ишорат кардаанд. Муаллифи рисола дар фаслҳои ҷудогонаи боби аввал ривоятҳои «Дар ҳаҷви устои зинсоз», «Табиби машҳур», «Рӯдакӣ табиби бузург», «Дӯстдори духтарони зебо», «Шоири нобино», «Кӯри модарзод», «Асои пирӣ», «Муллоҳои Ҳавоӣ», «Ҷойи қабри Рӯдакӣ», «Хонақоҳи Рӯдакӣ», «Мазори Рӯдакӣ дар Панҷрӯд», «Мазори бузургвор», «Авлоди Муллоҳои Ҳавоӣ», «Авлоди Абулҳасани Рӯдакӣ»-ро низ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода, дар кадом мавридҳо гуфта шудани онҳоро муайян намудааст.

Баҳси мантиқии муаллифи рисола дар хусуси нобиноии шоир боиси таваҷҷӯҳ аст, ки дар фасли панҷум дар асоси ривоятҳои мардумӣ оид ба ин масъала ба вуқуъ пайвастааст. Муаллиф қайд мекунад, ки “...масъалаи нобиноии Рӯдакӣ дар осори хаттӣ маълумоти мухталифро фаро гирифта, тадқиқотчиёни ин масъала ба ду гурӯҳи муқобил ҷудо

шуда, ақидаҳои гуногунро пешниҳод кардаанд” ва аз баҳси мардумӣ дар ин маврид низ ёдовар шудааст. Аз ҷумла, дар як қатор ривояту нақлҳои мардумӣ, ки аз байни мардумони деҳоти Панҷрӯд, Шинг, Колхозчиён, Ғезан, Некнот, Кулолӣ, Зери Ҳисор, Пағна, Вен, Порвен, Зимтут ва ғайра ҷамъоварӣ шудаанд ва дар ҷамъоварии ин намуди ривоёту нақлҳо, пеш аз ҳама, саҳми худи муаллифи рисола назаррас буда, баҳсу мунозира ва ақидаҳои мардум оид ба масъалаи нобиноии Рӯдакӣ ба таври васеъ шарҳу баён ёфтаанд ва хулосаи муаллиф дар ин замина қобили таваҷҷуҳ аст.

Ҳамин тариқ, боби аввали рисола, ки ҳадафи муайян намудани шахсият, симо, кору амал, даврони кӯдакӣ, муносибату муоширати шоир бо табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ дошт, анҷом мепазирад. Дар ин боб инчунин масъалаҳои алоқаву иртиботи Рӯдакӣ бо амирони Сомонӣ аз назари мардум, мазору мадфани шоир ва муносибати авлодони Рӯдакӣ нисбат ба шахсият ва эҳтироми шоири ҳаким дар осори мардумӣ амиқ таҳлил гардиданд, ки барои саҳеҳ омӯхтани ҳаёту аҳволи ӯ манбаи муҳим маҳсуб мешаванд.

**Боби дуюми** рисола мустақиман ба муносибати ашъори шоир бо фолклор бахшида шуда, “Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва адабиёти шифоҳӣ” унвон дорад ва он аз шаш фасл фароҳам омадааст. Фасли аввали ин боб ба масъалаи “Бозтоби махлуқоти асотирӣ дар шеъри Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ” ва фасли дуюм ба мавқеи “Зарбулмасалу мақолҳои мардумӣ дар шеърҳои Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ” ихтисос дода шудааст. Дар фаслҳои минбаъдаи боби мазкур масоили мухталифи марбут ба мавзӯъ, аз қабили “Истилоҳоти фолклорӣ дар ашъори Рӯдакӣ”, “Чистон ё луғз дар ашъори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ”, “Марсия дар эҷодиёти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ”, ва нақши «Чеҳраҳои асотириву фолклорӣ дар шеъри Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ” мавриди таҳлил ва таҳқиқи муфассали илмӣ қарор дода шудаанд.

Аз баррасиву таҳлили масоили зикршуда маълум мешавад, ки бархе аз онҳо қаблан аз ҷониби профессор Ш. Ҳусейнзода ва дигар олимони

тоҷик низ таҳқиқ шудаанд ва муаллифи рисола аз онҳо ёдовар шудааст: “Роҷеъ ба таъсирпазирии адабиёти хаттӣ аз фолклор профессор Шарифҷон Ҳусейнзода тадқиқоти хуберо дар мисоли «Рӯдакӣ ва фолклор» анҷом дода, се тарзи истифодаи зарбулмасалҳоро дар ашъори ин шоир баррасӣ намудааст... Ҳамчунин, пажуҳишгарони дигар чун А. Афсаҳзод, И. С. Брагинский ва дигарон дар ин хусус ишораҳо доранд, ки дар мақолаву асарҳои худ вижагиҳои корбурди мақолу зарбулмасалҳоро дар шеъри Рӯдакӣ дарёфт намудаанд” (дисс., с. 84).

Руҷуъ ба андешаҳои олимон нисбати масъалаҳои марбут ба таъсирпазирии ашъори Рӯдакӣ аз фолклор, таҳлили батафсили онҳо ва ибрози андешаи хеш аз тарафи муаллифи рисола пурра ворид будани ӯро ба мавзуи баррасишаванда собит месозад. Дар ҷараёни таҳлили абёти шоир унвонҷӯ ба мафҳум ва мазмуни асливу маҷозии онҳо диққати махсус зоҳир намудааст. Масалан, чеҳраҳои асотирии дев, аждаҳо, шайтон, симург, ҷин, парӣ ва ғайраро дар чанд байти Рӯдакӣ таҳлил намуда, маъноҳои аслию маҷозии онҳоро дуруст ва ба таври мантиқӣ муайян намудааст.

Дар байту бандҳои бозмондаи осори Маликушшуаро ишора ба чанде аз номҳои машҳури таърихӣ ва асотирӣ аст, ки муаллифи рисола онҳоро дар фасли шашуми боби дуюми кор мавриди таҳқиқу таҳлил қарор додааст. Ин ишораҳои таърихию асотирӣ дар ашъори шоир ба манзалати санъати талмеҳ омадаанд ва унвонҷӯ дар ин бора чунин ибрози назар кардааст: “Дар ашъори ӯ ҳама гуна ёдгориҳои таърихиву асотирӣ, бахусус, ҷойҳои таърихӣ, ёдгориҳои таърихӣ-ҷуғрофӣ, чеҳраҳои таърихӣ, симоҳои асотирӣ - афсонавӣ, унсурҳои асотирии тахайюлӣ, зикри номи ҷирмҳои осмонӣ ва ғайра инъикос ёфтаанд. Рӯдакӣ дар осори хеш образҳои фолклориву таърихии Ҳотами Той, Луқмони Ҳаким, Кисро (Хусрави Парвиз), Рустам, Сифандиёр (Исфандёр), Сом, Лайливу Маҷнун, Юсуф ва Зулайхоро истифода намудааст ва чунин ишороти шоир гувоҳ бар онанд, ки таърихияти шеъри ӯ ниҳоят дар пояи баланд аст” (дисс., с. 114). Муаллиф дар ин замина ба хулоса меояд, ки устод

Рӯдакӣ бо таърихи гузаштаи миллати хеш натанҳо шиносоии комил дошта буд, балки ба он арҷи комил гузоштааст.

“Ҷашну маросимҳо ва боварҳои мардумӣ дар шеъри Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ” мундариҷаи **боби сеюми** рисоларо фароҳам оварда, он аз се фасл таркиб ёфтааст. Фасли аввал ба таҳлили “Тасвири ҷашнҳои Наврӯзу Меҳргон дар ашъори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ”, фасли дуюм ба “Инъикоси одобу русуми азодорӣ дар шеъри Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ” ва фасли сеюм ба “Инъикоси боварҳои мардумӣ дар ашъори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ” бахшида шуда, муаллиф дар ҷараёни омӯзишу баррасии масоили мавриди назар андешаҳои ҷолиби илмӣ ифроз доштааст.

Мусаллам аст, ки масъалаҳои дар ин боб баррасишуда аз ҷониби муҳаққиқони дигар низ мавриди баррасӣ қарор гирифта будаанд, вале муаллиф кӯшиш намудааст, ки онҳоро бо фарҳанги суннатии мардум дар пайвастагӣ омӯхта, назари хешро баён намояд. Ба андешаи муаллифи рисола расму ойин, ҷашну идҳои мардумӣ, маросими азодорӣ дар асоси мушоҳидаву таҷрибаҳои воқеии шоир ва дар заминаи ҳаёти иҷтимоиву таърихии халқ мавриди тасвири бадеӣ қарор гирифтаанд.

Хуллас, кулли масоиле, ки дар рисола мавриди тадқиқ гардидааст, бо ҳалли илмӣ анҷом пазируфтааст. Хулосаҳои диссертатсия асосноку мантиқӣ ва мувофиқ ба мундариҷаи ҳар як боб буда, иҷрои вазифаҳои тарҳрезишударо равшан собит месозанд. Ин хулосаву натиҷабардориҳо саҳеҳиву дурустии масъалаҳои барои ҳимоя пешниҳодшударо собит сохта, ҷамъбасти илмӣ ва мантиқии онҳоро фароҳам овардаанд.

Бо вуҷуди доштани арзишҳои назарраси илмӣ ва таҳлилӣ, дар диссертатсия баъзе нуқсонҳое ба назар расиданд, киислоҳи онҳо боиси пуррагии кор ва тақвияти андешаҳои илмии муаллифи рисола хоҳад шуд. Аз ҷумла:

1. Унвонҷӯ дар масъалаи истифода аз сарчашмаҳои илмӣ ғолибан эҷодкорона муносибат кардааст, ки дорои арзиши муайяни илмист. Аммо ҳангоми таҳлили баъзе аз масъалаҳо дар истифода аз андешаҳои муҳаққиқони дигар, яъне дар корбурди иқтибосҳо ба зиёдаравӣ роҳ

додааст ва андешаи худро нисбатан камтар баён намудааст. Дар мавриди истифодаи зарбулмасалҳо дар осори Рӯдакӣ маҳз чунин камбудӣ ба назар расид (дисс., с. 79-89).

2. Дар таҳлили баъзе аз мавзуъҳо муаллифи рисола аз асли мақсад то андозае дур меравад. Масалан, ҳини таҳқиқи ду матни чистон дар ашъори Рӯдакӣ муҳаққиқ аз ҳадафи аслӣ дур шуда, танҳо бо баррасии назарии истилоҳи чистон ва луғз дар луғатномаҳо ва осори илмии диғарон маҳдуд шудааст (дисс., с. 97-102).

3. Таҳлили нақлу ривоятҳо дар рисола дар доираи талаботи илмӣ ва мантиқӣ анҷом дода шудааст, вале баъзан ба сарчашмаи аслии ин ривоёт ва нақлҳо ишора намешавад. Чунончи, дар фасли ҳафтуми боби якум сарчашмаи баҳс дар бораи Мулло Холмаҳмад ва Ҳазрати Алӣ саҳеҳ нишон дода нашудааст.

4. Бо вуҷуди мустафоди кофӣ аз адабиёт ва сарчашмаҳои дастрас, баъзе аз манбаъҳои муҳими илмӣ ва назарии марбут ба масъалаи баррасишаванда аз назари муаллифи рисола дар канор мондаанд. Ба унвони мисол, андешаву таҳлилҳои фолклоршиноси маъруф Равшан Раҳмонӣ оид ба зарбулмасалу мақолҳо ҳамчун манбаи назарии фасли дуюми боби ду аз доираи сарчашмаҳои истифодашуда мутлақо бурун мондааст.

5. Дар рисола гоҳо такрори фикр ва баъзе ғалатҳои имловию китобатӣ, ки ғолибан бар асари техникаи компутерӣ рух додааст, ба назар мерасад. Чунин хатоҳо дар саҳифаҳои 10, 23, 53, 68, 126, 127, 137, 152 ва ғайра мавҷуданд, киислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд.

6. Ба назари мо, қисмати хулосаи кор низ дар доираи нисбатан маҳдуд сурат гирифта, ҳамагӣ дар панҷ модда ҷамъбаст шудааст. Ва ҳол он, ки мазмуну муҳтавои се бобу шонздаҳ фасли рисола хеле амиқу мукаммал буда, ба муаллиф имкон медиҳад, ки комилан васеътару густурдатар натиҷагириву хулосабардорӣ намояд.

Бояд гуфт, ки камбудиву норасоиҳои зикршуда, асосан, хусусияти ҷузъӣ дошта, ба ҳеч ваҷҳ арзиш ва қимати илмии рисолаи барои ҳимоя пешниҳодшударо кам намекунанд. Рисола дорои ҷанбаи илмии нерӯманд буда, дар заминаи корбурди асарҳои зиёди илмиву таърихӣ ва маводи хеле фарогири фолклорӣ таълиф шудааст. Ин маводи пурарзиш ва натиҷаи ковишҳои илмию амалии муаллифро минбаъд ҳамчун сарчашмаи муътамад дар бахши рӯдакишиносии адабиёти тоҷик ва илми фолклоршиносии он метавон босамар истифода кард.

Диссертатсияи Исмоилов Фаредун Хӯҷақулович дар мавзуи "Сарчашмаҳои фолклории ҳаёт ва эҷодиёти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ" кори комилан анҷомёфтаи илмӣ буда, фишурдаи рисола, маҷмӯаи нашргардида ва мақолаҳои чопшудааш мазмуну муҳтавои онро пурра ифода менамоянд.  Аз ин рӯ, рисола ба қоидаву талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он, воқеан, сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ мебошад.

**Доктори илмҳои филологӣ,**
**профессори кафедраи адабиёти**
**муосири тоҷики МДТ "Донишгоҳи**
**давлатии Хуҷанд ба номи**
**академик Бобоҷон Ғафуров"** **Файзуллоев Неъматҷон**

**Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Таги Сада, №144**
**Тел: (+992) 92-772-34-35;**

**Имзои Н. Файзуллоевро тасдиқ мекунам:**
**Сардори шуъбаи кадр ва корҳои махсуси**
**МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»** **Наврӯзов Э. М.**

**Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд,**
**гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.**

**«_11_» _ноябри_ соли 2022.**